Дар давоми 5 соли таъсисёбии донишкада, ҳайати олимону омӯзгорони донишкада дорои **18** шаҳодатномаи нахустпатенти Идораи патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ихтироотҳои гуногун дар соҳаи илми тиб ва иҷтимоӣ гардидаанд, ки онҳо дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд. Аз он ҷумла ҷарроҳи атфоли Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимии назди донишкада д.и.т., профессор Ибодов Х. дар ҳаммуаллифи бо табибони ҷарроҳ Баҳодуров Ҷ., Давлатов С.Б., Хамидов И.Ҳ. ва Мирзоалиев И. барои пешниҳоди “Тарзи табобати деформатсияи қифмонанди қафаси сина дар кӯдакон ва дастгоҳ барои амалигардонии он”, дар ҳамкорӣ бо олимони Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осими дорои Нахустпатенти **№TJ 1075** (рӯзи аввалияти ихтироъ ва рӯзи таърихи пешниҳоди ариза 07.11 соли 2019, № 1901365) гардиданд, ки онро 3 апрели соли 2020 дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифтанд, ки он то 7 ноябри соли 2029 эътибор дорад. Инчунин аз тарафи ҷарроҳи атфоли Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимии назди донишкада д.и.т., профессор Ибодов Х. дар ҳаммуалифи бо Рофиев Р.Р. ва табибон Давлатов С.Б., Сулаймонов С.Ҷ., Баҳодуров Ҷ.Т. ва Асадов С.Қ. ихтироъ оид ба “Тарзи ҷарроҳииислоҳи деформатсияи кифмонанди қафаси сина” дар идораи Патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд (аввалияти ихтироъ 23.12 соли 2020 таърихи пешниҳоди ариза 23.12 соли 2020, №200 1494). Барои ихтирооти мазкур ба онҳо Нахустпатенти **№TJ 1242** дода шуда, он дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 марти соли 2022 ба қайд гирифта шудааст, ки он то 23 декабри соли 2030 эътибор дорад. Аввалин маротиба ин намуди амалиёти ҷарроҳиро онҳо дар ҷумҳурӣ амалӣ намуда то ҳоло ин амалиёт аз тарафи онҳо гузаронида шуда истодааст, ки гузаронидани амалиёти мазкур кӯдакони маъюби нуқсони модарзодӣ доштаро дар оянда аз маъюбии якумра наҷот хоҳад дод.

Гарчанде то ҳоло тибқи нахуспатенти №1075 ва 1242 дар клиникаи назди донишкадавӣ ҷарроҳии бартарафсозии деформатсияи модарзодии даҳанмонанди (қифмонанди) қафаси синаи кӯдаконро бо муваффақият гузаронида истода бошад ҳам, вале то ҳоло таҷҳизоти махсуси ихтироъгардида барои гузаронидани васеи ин амалиёти ҷарроҳӣ зарур дар ҳудуди ҷумҳурӣ **истеҳсол карда намешавад.**

Ҳоло ин таҷҳизоти ихтироъгардидаро нафарони алоҳида ба таври худсоз сохта ба волидайни беморон ба маблағи тақрибан 300 доллари амрикоӣ ва аз ин ҳам зиёдтар ба фурӯш бароварда истодаанд. Гарчанде талабот ба ин намуди ҷарроҳии косметикии калон бошад ҳам, вале аз сабаби ба роҳ намондани сохтани таҷҳизоти ихтироъгардида дар соли

2020 – 5 амалиёт, соли 2021 – 7 амалиёт, соли 2022 – 11 амалиёт, соли 2023 – 12 амалиёт ва соли 2024 – 13 (ҷамъ 48) амалиёт гузаронида шуда асту халос. Ингуна амалиёт бояд дар ҳама беморхонаҳои шаҳрию вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ гузаронида шавад. Мутаассифона аз сабаби набудани таҷҳизот дар муассисаҳои табобатии номбаршуда, чунин навъи ҷарроҳи гузаронида намешавад. Бояд гуфт, ки таҷҳизоти мазкур барои ҳар як бемор ба таври индивидуалӣ бо назардошти ҳолати воқеъии қафаси синаи онҳо бояд сохта шавад. Ихтирооти мазкур аз соли 2020 дар ҷараёни таълимии кафедраи ҷарроҳии кӯдаконаи МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон", кафедраи ҷарроҳии умумии МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" ва МД "Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакон"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.

**Пешниҳод:** Маъмурияти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкурро баррасӣ намуда нисбати таъсис додани лабораторияи истеҳсоли дастгоҳи мазкур барои ба таври васеъ ба роҳ мондани ҷарроҳии беморони модарзодии деформатсияи қифмонанди қафаси синаи кӯдакон дошта дар зерсохторҳои назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ё назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар назди кафедраи ҷарроҳии умумии МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон", Лабораторияи истеҳсоли ин таҷҳизоти зарури барои гузаронидани ин намуди ҷарроҳӣ таъсис дода шавад.

Инчунин ҷарроҳи атфоли Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимии назди донишкада д.и.т., профессор Ибодов Х.И., дар ҳаммуаллифи бо Мирзоалиев И.М., Давлатов А.Р., Яхшибекова Ш.Ҷ. барои пешниҳоди "Тарзи ташхиси рентгенографии кӯдакон ва таҷҳизот барои амалӣ намудани он" дорои Нахустпатенти **№TJ 1207** (аввалияти ихтироъ 21.09 соли 2020, таърихи рӯзи пешниҳоди ариза 21.09 соли 2020, №2001466) гардидаанд, ки он дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 ноябри соли 2021 ба қайд гирифта шудааст, ки он то 21 сентябри соли 2030 эътибор дорад. Аз рӯйи ин намуди ташхис дар ҷумҳурӣ соли 2021 - 12 адад, соли 2022 – 42 адад, соли 2023 – 50 адад ва соли 2024 – 62 адад (ҳамагӣ 166 адад) ташхиси рентгенографӣ гузаронида шудааст. Дастоварди илмии мазкур аз соли 2021 ба барномаи таълимии кафедраҳои ҷарроҳии умумии МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимии назди МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» ва кафедраи ҷарроҳии

кӯдаконаи МДТ “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва МД “Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакон”-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қоидаҳои амалкунандаи ҷори ворид карда шудааст.

Гарчанде то ҳоло ин тарзи ташхиси рентгенографии кӯдакон аз тарафи табибони атфоли ҷумҳурӣ бо муваффақият гузаронида истодаанд, ки ин амал воқеан ҳам барои пешгирии ҳолатҳои маъюбии якумраи кӯдакон хизмати шоиста карда истодааст, вале мутаасифона таҷҳизот барои ба таври васеъ амалӣ намудани он дар муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳо ва ҷумҳуриявӣ сохта нашудаистодааст.

Ҷарроҳи атфоли Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимии назди донишкада бо роҳбарии д.и.т., профессор Ибодов Х.И., дар ҳаммуаллифӣ бо табибон Рофиев Р.Р., Яхшибекова Ш.Ҷ. Давлатов А.Р., Мирзоев Д.С. дар якҷоягӣ бо олимони МДТ «Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ» барои ихтироъи “Таҷҳизот барои баҳодиҳии ҳолати мушакҳои мақъад ва рӯдаи рост” дорои Нахустпатенти **№ TJ 1370** аз 19.11 соли 2020 (тибқи аризаи №2201484) гаштаанд, ки он дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 апрели соли 2023 ба қайд гирифта шудааст ва муҳлати он аз 19 ноябри соли 2020 то 19 ноябри соли 2030 эътибор дорад.

Ин намуди ташхисро дар ҷумҳурӣ соли 2022 – 30 адад, соли 2023 – 33 адад ва соли 2024 – 42 адад (ҳамагӣ 105 адад) аз тарафи онҳо гузаронида шуд. Дастоварди илмии мазкур аз соли 2022 ба барномаи таълимии кафедраҳои ҷарроҳии умумии МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», Маркази клиникӣ, илмӣ-таълимии назди МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон», кафедраи ҷарроҳии кӯдаконаи МДТ “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва МД “Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакон”-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қоидаҳои амалкунандаи ҷорӣ ворид карда шудааст.

**Пешниҳод:** Мутаасифона истеҳсоли таҷҳизот барои баҳодиҳии ҳолати мушакҳои мақъад ва рӯдаи рости ихтироъгардида аз ҷиҳати танқисии молиявӣ то ҳоло ба роҳ монда нашудааст ва аз ин лиҳоз пешниҳод карда мешавад, ки Маъмурияти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ё Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкурро баррасӣ намуда маблағи лозимӣ барои таъсис додани Лабораторияи истеҳсоли таҷҳизот барои гузаронидани ташхис, баҳодиҳии ҳолати мушакҳои мақъаду рӯдаи рост ва табобати

нуқсони модарзодии аноректалӣ «Сфинктерометр АДИМС - 20» дар сохторҳои назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ё дар сохторҳои назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар назди кафедраи ҷарроҳии умумии МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" Лабораторияи истеҳсоли ин намуди таҷҳизот барои гузаронидани ташхис оид ба баҳодиҳии ҳолати мушакҳои мақъаду рӯдаи рост ва табобати нуқсони модарзодии аноректалӣ таъсис дода шавад.

Инчунин дар донишкада и.в. ассистенти кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада аз тарафи Холов С.Б. дар ҳаммуаллифи бо Ахмедов А., Мусозода С.М., Мижгони Сорбон, Махсудов К.С., Раҳмонов А.У., Раҳимов И.Ф., Мусоев Р.С., Сайфуллоева М.Ҳ. ва Шамсиддинов А.Ҷ. **барои пешниҳоди "Маводи доругӣ барои табобати бемориҳои илтиҳобии узвҳои гушу гулуву бинӣ" дорои Нахустпатенти №TJ 1376** (19 январи соли 2023) **гардидаанд** ва аввалин маротиба дар ҷумҳурӣ аз тарафи онҳо дар шароити экспериментали (таҷрибавӣ) маводи доруворӣ дар шакли капсулаи андозааш 0 истеҳсол карда шуда, **то имрӯз ҳама таҳқиқотҳои токлиникии он гузаронида шудааст.** Дар айни замон маводи дорувории мазкур дар раванди таълими кафедраи технологияи фармасевтии МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино" ва кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада (мудири кафедра н.и.б. Ҷамшедов Ҷ.Н.) ворид карда шудааст. Соли 2023 ҳаммуаллифи ин ихтироъ Мижгони Сорбон дар намоишгоҳи байналмилалии "Занҳо - ихтироъкор"-и шаҳри Сеули Ҷумҳурии Кореяи ҷанубӣ ба таври онлайн иштирок намуда соҳиби медали тиллоӣ (№2023-245) ва санаи 7 феврали соли 2024 дар ш. Эл-Кувайт давлати Кувайт дар 14-уми намоишгоҳи байналмилалии ихтироъкорони ҷаҳон зери унвони "Он ҷое, сармоягузарон бо ихтироъкорон бо ҳам дидор мекунанд" доир гардида мудири кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада н.и.б. Ҷамшедов Ҷ.Н. ва и.в. ассистенти кафедраи мазкур Холов С.Б. дар маросими расмии ҷоизасупорӣ бо иштироки вазири таҳсилоти олӣ ва пажуҳиши илмии давлати Кувайт доктор Одил ал-Удвонӣ, раиси Клуби илмии давлати Кувайт доктор Талал Ал Харафӣ, намояндагони марказҳои илмӣ-

таҳқиқотии Кувайт ва аъзои корпуси дипломатии муқими кишвари иқомат бо хузури васеи намояндагони ВАО-и кувайтӣ баргузор шуда, дар байни 145 иштирокчӣ аз 65 давлатҳои дунё сазовори медали бириничӣ гардиданд. Тибқи ихтирооти мазкур 30.05 соли 2025 рисолаи доктори (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси фарматсия ҳимоя карда шуд

Нахустпатенти мазкур 1 майи соли 2023 дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, ки он то 19 январи соли 2030 эътибор дорад.

Гарчанде то ҳоло "Маводи доругӣ барои табобати бемориҳои илтиҳобии узвҳои гушу гулуву бинӣ" дар ҷараёни таълимии кафедраи технологияи фармасевтии МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино" ва кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада бо муваффақият гузаронида истода бошанд ҳам, вале мутаасифона аз сабаби нагузаронидани озмоиши клиникӣ то ҳоло истеҳсоли ин маводи доругии ихтироъгардида барои табобати бемориҳои илтиҳобии узвҳои гӯшу гулӯ ва бинӣ дар ҷумҳурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Дар базаи донишкада мудири кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада н.и.б. Ҷамшедов Ҷ.Н. дар ҳаммуаллифи бо Шарипов Р.М., Атовуллозода Р.А., Раҷабов Ҳ.И., Нарзуллозода С.Ҳ. ва Косимов С.М. **барои ихтироъи мавод барои табобати илтиҳоби ғадудҳои ширии синаи ҳайвонот** (мастит) **19.12 соли 2022 дорои Нахустпатенти №TJ 1436 гардидаанд.**

Нахустпатенти мазкур 28 октябри соли 2023 дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, ки он то 19 декабри соли 2032 эътибор дорад.

Ҳоло дар асоси ихтирооти мазкур тибқи протоколи санҷишии №17485 аз 30.11 соли 2022 (№TJ 762, 3710002.047-2022) аз 29 июли соли 2022 дар базаи корхонаи ҶДММ "МЛМ фарм"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон доруворӣ бо номи "Йодак" 40 мг/дм$^3$ дар ҳаҷми 100 мл барои табобати илтиҳоби ғадудҳои ширии сина (мастит) истеҳсол шуда истодааст. Маҳлули мазкур инчунин дар ҷараёни таълими кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада тибқи қоидаҳои амалкунандаи ҷорӣ ворид карда шудааст.

Дар соли 2024 кормандони донишкада и.в. ассистенти кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада Холов С.Б. дар ҳаммуаллифи бо д.и.ф. Мусозода С.М., Раҷабзода Ф.К., Махсудов К.С., Раҳмонов А.У. ва Холназаров Ф.Б. **1 декабри соли 2023 дорои Нахуспатент №TJ 1479 барои ихтирооти маводи "Салвифрон" барои табобати бемориҳои гурда гардиданд.**

Нахустпатенти мазкур 28 марти соли 2024 дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, ки он то 1 декабри соли 2033 эътибор дорад.

Таҳқиқоти фармакологии ин маводи доруворӣ **дар лабораторияи таҳқиқотии Полша** гузаронида шуда, он дар намуди капсулаи ҳаҷмаш 0 **дар парки Технологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таври эксперименталӣ истеҳсол карда шуд.**

Корманди донишкада мудири кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада н.и.б. Ҷамшедов Ҷ.Н. дар ҳаммуаллифи бо Хоҷаева З.Г., Юсуфӣ С.Ҷ., Қурбонбекова Ш.Ш. ва Ашуриён Ш.С. **барои ихтирои маводи "Турнезарин"-и дорои таъсири зиддимикробӣ дошта дорои Нахустпатенти № TJ 1226 гардиданд**, ки он дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 декабри соли 2021 ба қайд гирифта шудааст, ки он то 18 августи соли 2031 эътибор дорад.

Дар асоси ихтирооти мазкур дорандаи нахустпатент Хоҷаева З.Г. дар арафаи пешдифои рисолаи номзадии худ қарор дорад. Баъди дифои рисолаи номзади истеҳсоли маводи "Турнезарин" ба роҳ монда хоҳад шуд.

Мудири кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада н.и.б. Ҷамшедов Ҷ.Н. дар ҳаммуаллифи бо Зубайдова Т.М., Борониев Н.С., Давлатқадамов С.М., Содиқов Ҷ. ва Сухробов П.Ш. **15.04 соли 2016 дорои Нахустпатенти № TJ 785 барои ихтирои маводи "Ферубет", ки таъсири глюкозапасткунанда дорад, гардид,** ки он дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 августи соли 2016 ба қайд гирифта шудааст, ки он то 15 апрели соли 2026 эътибор дорад.

Ҳоло масъалаи истеҳсоли маводи "Ферубет" дар Маркази таълими илмии истеҳсолии назди кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва

фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада дар марҳилаи ҳаллу фасл қарор дорад.

Маводи мазкур 30 ноябри соли 2018 дорои Патенти Евроосиёгии таҳти №031143 гашт.

Мудири кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада н.и.б. Ҷамшедов Ҷ.Н. дар ҳаммуаллифи бо Ҷураев Ҳ.Ш., Ахмедов Ф.А. ва Саидов А.А. барои ихтирои шарбати “Холагон” барои табобати беморихои роҳҳои талхарон дорои Нахустпатенти **№ TJ 786**, ки он дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 августи соли 2016 ба қайд гирифта шуд, ки он то 29 июли соли 2026 эътибор дорад.

Ҳоло шарбати “Холагон” дар МД “Маркази илмӣ-таҳқиқотии фарматсевтӣ”-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол шуда истодааст.

Мудири кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада н.и.б. Ҷамшедов Ҷ.Н. дар ҳаммуаллифи бо Ҷураев Ҳ.Ш., Хайдаров К.Х., Сафаров Ҳ.С., Саидов А.А. ва Азимова С.А. барои ихтирои маводи “Синолит”, ки таъсири пешоброни дорад 01.03 соли 2016 дорои Нахустпатенти **№ TJ 792** гардид, ки он 28 сентябри соли 2016 дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд, ки он то 1 марти соли 2016 эътибор дорад.

Ҳоло масъалаи истеҳсоли маводи “Синолит”, ки таъсири пешобронро дорад дар Маркази таълими - илмии истеҳсолии назди кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада дар марҳилаи ҳаллу фасл қарор дорад.

Мудири кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада н.и.б. Ҷамшедов Ҷ.Н. дар ҳаммуаллифи бо Зубайдова Т.М., Борониев Н.С., Давлатқадамов С.М., Содиқов Ҷ. ва Сухробов П.Ш. **19.05 соли 2016 барои ихтирои “Малҳами ҷароҳатсиҳаткунанда ва зидди сӯхтан” Нахустпатенти № TJ 900 дода шуд,** ки он дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 майи соли 2018 ба қайд гирифта шуд, ки он то 19 майи соли 2026 эътибор дорад.

Ҳоло истеҳсоли ин маводи доруворӣ бо номи савдоии худ "Хитинидазол" дар ширкати ҶДММ "Назарфарм" ба роҳ монда шудааст.

Имрӯзҳо дар ҶДММ "МЛМ-Фарм"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи протоколи санҷиши №3581 аз 10.03 соли 2023 (TJ 762. 37100.02.047-2022 аз 29 июли соли 2022), ки Сертификат аз тарафи ҶДММ "МЛМ-Фарм" Холдоров Ш. (ш.Душанбе, куч. Дустии Халқҳо 126), аз тарафи КВД "ЭОМФТ"-и Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29.03 соли 2023 дода шудааст маҳсулоти ба "Танзимдарории пигментатсияи H-VITI" 50 мл с.0003 м/и 10.02.2025 (60 қуттӣ- 4 қутти) ва воситаи гигиении "Clobe Hair" шампун с. 19.08 соли 2021 м/и 19.08 соли 2023 (150 дона -2 дона), инчунин маҳлули Йодоцинк – С 100 мл (барои нӯшидан) истеҳсол намуда истодааст.

Инчунин дар МЧЖ "Mohi pharm" –и Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои истеҳсоли 2 намуд малҳам – малҳами Feruosin ва Achenest рухсатнома таҳти № 001228 аз 26 марти соли 2025 ба мӯҳлати 5 сол гирифта шуд.

Инчунин мудири кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада н.и.б. Ҷамшедов Ҷ.Н. дар ҳаммуаллифи бо Коробов М.Л., Сурхов М.А барои ихтирои "Крем Бальзам, дорои таъсири зидди илтихоби, зидди сӯхтани ва зидди микробӣ" дорои **Нахустпатенти № TJ 1504 гардиданд,** ки он дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 июни соли 2024 ба қайд гирифта шуд, ки он то 19 декабри соли 2033 эътибор дорад. Истеҳсоли Крем Бальзами ихтирошуда дар ҳамкори бо ҶДММ "Растани Инно"дар минтақаи озодӣ иқтисодии Кӯлоб ба нақша гирифт шудааст.

Тибқи сертификати мутобиқати силсилаи **TJT № 039998-и** аз тарафи Системаи миллии сертификатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 19 майи соли 2022 дода шуда, дар ҶДММ "Тоҷикистон Табиб Дору Роз" воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, ҷамоати Боғистон, деҳаи А.Сино 73, "Равғани эфирӣ ва гуло би садбарг " ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии РТ ҶТ 010-2016 "Бехатарии маҳсулоти хуроквори мутобиқат кунанда (ҚҲҶТ № 190 аз 30.04соли 2016) истеҳсол карда шуда истодааст.

Инчунин тибқи сертификати мутобиқати силсилаи **TJT № 056675-и** аз тарафи Системаи миллии сертификатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 сентябри 2022 дода шуда, дар ҶДММ "Тоҷикистон Табиб Дору Роз" воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, ҷамоати Боғистон, деҳаи А.Сино 73, Нушокии ғайриспиртии бе газ "Нушобаи гули сиёҳи зафарон" " ба

талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии РТ ҶТ 010-2016 “Бехатарии маҳсулоти хурокворӣ мутобиқат кунанда (ҚҲҶТ № 190 аз 30.04соли 2016) истеҳсол шуда истодааст.

Тибқи сертификати мутобиқати силсилаи **TJT № 056674-и** аз тарафи Системаи миллии сертификатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 сентябри соли 2022 дода шуда дар ҶДММ “Тоҷикистон Табиб Дору Роз” воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, ҷамоати Боғистон, деҳаи А.Сино 73, дар асоси хулосаи санитарию эпидемиологии ташхиси Тоҷикстандарт № 762,37100.02.009-2021, Протоколи санҷиши физики-кимиявӣ №4210 аз 02.09 соли 2022 маҳсулоти нушокии ғайристандартии бе газ **“Нушобаи ғураи ангур”** истеҳсол карда шуда истодааст.

Дар асоси аризаи №2401978 аз 10.07 соли 2024 н.и.х. Назарова З.Н. (TJ) корманди пажуҳишгоҳи химияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, н.и.б. Самандарзода Н.Ю (**TJ**) корманди МД “Пажуишгоҳи илмӣ-тадқиқотии “Гастроэнтрология”-и ВТ ва ҲИАҶТ., Ҷамшедов Ҷ.Н. мудири кафедраи технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фармасевтӣ ва иттилоотӣ фармасевтии донишкада , Зарипов Н.А. табиб-лаборанти МД “Пажуишгоҳи илмӣ-тадқиқотии “Гастроэнтрология”-и ВТ ва ҲИАҶТ барои ихтирооти Нақеъи (экстракти) Фитогепатон”-и дорои таъсири гипохолестеренӣ, гиполипидемӣ ва гепатомуҳофизатӣ бо роҳи экстракткунонии маводи растанигӣ ҳосилшуда аз маҳлули спиртию обӣ иборат буда, ба қайд гирифта шудааст.

Ҳоло донишҷӯи курси 3-уми факултети фарматсевтии донишкада Хуҷамёрова А.Э. аз рӯйи ин маводи мазкур дар давраи ноҳиявии Озмуни Ҷумҳуриявии “Илм-фуруғи маърифат” иштирок намуда истодааст.

**Кафедраи микробиология, вирусология ва иммунология**

Натиҷаи рисолаи илмии и.в.ассистенти кафедра С.Н.Мавлоназарова оид ба мавзуи “Омӯзиши фармакокогностикии 3 навъи ферулаи эндемикии дар Тоҷикистон руянда” дар фаъолияти амалии лабораторияи “Биологияи растаниҳо”-и Донишгоҳи Ратгери штати Ню Ҷерсии ИМА ва 25.09 соли 2025 ба лабораторияи зидди тоуни ТОО “Маркази илми истеҳсолии микробиология ва вирусология”-и ш. Алматаи Ҷумҳурии Қазоқистон барои санҷиш ва омӯзиш ворид карда шуд.